# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи: **«Ислом ва арзишҳои дунявӣ»** барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ

Омӯзиши масъалаи муносибати дин ва махсусан дини ислом бо дигар унсурҳои фарҳанг, аз он ҷумла унсурҳои дунявӣ имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ин мавзуъ ҳам дорои аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ мебошад. Дар тӯли таърихи инсоният таъсири мутақобилаи байни дину фарҳангҳои муталиф бо ҳама таркибу сохторҳои ҳам динӣ ва ҳам ғайридинии онҳо ҳамеша вуҷуд доштааст ва дину фарҳангҳои гуногун аз таъсири ин падидаи диалектикӣ баҳравар будаанд. Дини ислом ҳам, ки яке аз динҳои ҷаҳонӣ ва дини дар замони муосир соҳиби зарфияти баланд мебошад, аз ин раванд дар канор нест. Аз ин рӯ, мубраммияти мавзуи интихобкардаи Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи: «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ ҳеҷ гуна шакку шубҳаро эҷод намекунад.

Бо таъкиди худи муаллифи автореферат, таҳқиқи раванду ҳодисаҳои динӣ нишон медиҳад, ки инъикоси арзишҳои дунявӣ дар дин ҷанбаи кампажӯҳишшудаи таҳқиқотҳои илмӣ дар диншиносии муосир маҳсуб мебошад ва ин камбудӣ дар робита ба дини ислом боз ҳам бештар ба назар мерасад. Ба андешаи муаллиф мавзуи пажӯҳишро инчунин шароити муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ҷаҳони ислом ба миён меоварад. Ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, ки ҷаҳони ислом дер боз зери таъсири равандҳо ва таълимотҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷаҳони Ғарб қарор дорад. Дар ҷаҳони Ғарб бошад, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа принсипҳои дунявӣ комилан ҳукмрон мебошанд, ҳарчанд иҷрои баъзе меъёрҳои динӣ то ҳол қисман расман нигоҳ дошта мешаванд. Ҷаҳони Ғарб то андозае худро аз занҷири асорати дин раҳо

карда, арзишҳои дунявиро пайгирӣ карда истодааст ва дар соҳаи ичтимоӣ ба комёбиҳои назаррас ноил шудааст. Мусаллам аст, ки тағйироти ичтимоиву фарҳангие, ки дар ҷаҳони Ғарб сурат мегиранд, меъёрҳои диниро ҳамчун танзимгари ҳаёти ҷамъиятӣ маҳдуд намуда, тадриҷан ба ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятии мусулмонон низ ворид шуда истодаанд.

Таҳлилу хулосаҳои оварда аз рӯи автореферат шаҳода медиҳад, ки сохтори он ба ҳамаи талаботҳои пешниҳодшуда барои диссертатсияҳои докторӣ ҷавобгӯй буда, ба талаботи кори илмӣ таҳқиқотӣ мувофиқат мекунад. Дар хулосабарориҳояш муаллиф бар ин назар аст, ки барои равшану асоснок инъикос намудани арзишҳои дунявӣ дар ислом, баррасии онҳо дар ду сатҳ: назариявӣ ва амалӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Зеро исломе, ки дар китобҳои муқаддас ва инъикос ёфтааст, аз замони шаклгирияш то ба имрӯз бетағйир боқӣ мондааст, дар ҳоле ки исломи амалӣ, ки дар ҳаёти амалии мусулмонон аз замони пайдоиш то имрӯз мушоҳида мешавад, пайваста ба тағйироти муайян дучор омадааст. Яъне, дар исломи амалӣ ҷойгоҳи афзалиятноки арзишҳои дунявӣ дар қиёс бо арзишҳои динӣ ба таври равшан ва мушаххас мушоҳида мешавад, ки ин падида ва зарурати онро бояд ба назар гирифт.

Аз матни автореферат равшан мешавад, ки диссертант мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотиро дуруст гузошта, предмет ва объети мавзуъро ба таври илмӣ муайян намуда, навовариҳо, ҷанбаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқотро ба таври мушаххас пешниҳод намудааст. Навовариҳои кори илмӣ, ки дар автореферат оварда шудаанд, дар он аст, ки дар таҳқиқот равишҳои методологӣ оид ба омӯзиш ва ошкорсозии моҳияти мафхуми дунявият асоснок карда шудаанд, робитаҳои мантиқии дунявият ва арзишҳои дунявӣ равшан карда шудаанд, таҳлили муқоисавии таносуби мафҳумҳои «дунявӣ» ва «динӣ» бо нишон додани ҷойгоҳи афзалиятноки

«дунявӣ» амалӣ гардидааст, шакли зоҳиршавии принсипҳои дунявият дар дигар фарҳангҳоҳо, аз ҷумла дар сиёсати Куруши Кабир дар нисбати дини яҳудӣ ва ғайра тавсиф ёфтааст, ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ дар мавъизаҳои паёмбарони яҳудӣ, инчунин дар асарҳои илмии мутафаккири масеҳӣ Марсили Падуянӣ муайян карда шудааст, кӯшишҳои ғарбисозии давлатҳои исломии араб аз ҷониби ислоҳталабон ва модернистҳо ҳамчун талошҳои накшавии онҳо барои ҷорӣ кардани арзишҳои дунявӣ ба ҷои арзишҳои динӣ мавриди тахлил қарор гирифтааст, асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик тавсиф ёфта шарҳ дода шудаанд ва ғайра.

Дар маҷмӯъ автореферати Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи: «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа бо забони фаҳмо ва дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Ин як таҳқиқоти мукаммал дар бораи  ҷойгоҳ ва хусусияти арзишҳои дунявӣ дар таълимоти дини ислом буда, бо таҳлилҳои васеъ ва илмии худ фарқ мекунад. Мақсад ва вазифаҳои гузоштаи диссертант ҳалли худро пайдо кардаанд, натиҷаҳои ба даст овардашуда асоснок карда шуда, аҳамияти назариявии тадқиқот барои доираи васеъи кормандони соҳаи маориф, соҳаи дин, фарҳанг ва дигар бахшҳои ҷомеа равшан карда шудаанд.

Дар баробари дастовардҳо айён мешавад, ки автореферат аз чанд эроду камбудиҳо низ орӣ нест, ки ислоҳи онҳо метавонист моҳият ва муҳтавои онро ҷолибтар гардонад:

1. ) Ба назари мо муаллифро лозим буд, ки дар зербоби аввали рисолаи имии худ, ки ба шарҳу тафсири мафумҳои калидии рисола бахшида шудааст, умумият ва фарқияти мафҳумҳои “дунявият” ва “секуляризм”–ро дар фарҳанги имрӯзаи тоҷик ва умуман дар фарҳанги исломӣ равшантар мушаххас намояд. Зеро ин ду мафҳум дар ин фарҳангҳо дар матни илмҳои диншиносӣ ва фарҳангшиносӣ як андоза аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

2. ) Дар зербоби чорум, ки «Муосирсозӣ (Модернсозӣ) - и дини ислом ҳамчун омили амиқ ва қавӣ гардидани дунявият» номгузорӣ шудааст, ҳама ҳаракатҳои муосирсозии исломӣ (модернизатсия) чун ҳаракатҳои дунявигаро талаққӣ шудаанд. Ҳол он ки на ҳамаи ин ҳаракатҳо андешаҳои дунявиро дастгирӣ менамоянд ва ба ин тарафи масъала дар автореферат камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Вале эроду камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аз диди мазмуну моҳият ва аҳамияти илмӣ арзиши автореферат ва рисоларо кам намекунанд ва барои беҳтару ҷолибтар шудани онҳо ироа шудаанд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки автореферати Абдухалилзода Кароматулло дар мавзуи: «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ ба талаботҳои пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст мувофиқат карда, муаллифи он, бешак барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи фалсафаи Раёсати
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа Мирзоев Ғаффор Ҷабборович

Адрес: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, АМИТ. 26.09.2024
E-mail: Gaffor-1964@mail.ru
Тел.: +992 93 505 66 56 (моб.)
+ 922 372 21 58 16

Имзои д.и.ф., мудири кафедраи фалсафаи АМИТ, Мирзоев Ғ.Ҷ. –ро тасдиқ мекунам.

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Т.

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА